**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33)**

# ТАҚРИЗ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ воситаи асосии рушд ва таъмини самаранокии соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва амнияти иқтисодии давлат, ҳамзамон таъмини амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар алоқамандӣ бо идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ вазифаҳои муҳимме,

ки дар назди давлат гузошта шудаанд, ҳал мегарданд. Вобаста ба ин муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки фаъолияти гумрукӣ ҳамчун соҳаи муҳим ва механизми асосии танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ фарогири соҳаҳое чун интиқоли молу маҳсулот тавассути сарҳади гумрукии кишвар мебошад, ки дар ин замина тадбирҳои гуногуни муқаррарнамудаи қонунгузорӣ татбиқ гардида, бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ ва дар маҷмуъ таъмини рушди иқтисодиёт ва амалисозии вазифаҳои дигари дахлдор равона мегардад.

Имрӯзҳо ташкили фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии самараноки он бисёр муҳим буда, аз омилҳои гуногун вобастагии зич дорад. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва ташкили самараноки он асосан дар иртибот бо сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, сифати қонунгузории амалкунанда, ташкили мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва амалисозии босифати салоҳияти онҳо, сатҳи касбияти шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва омилҳои дигар қарор дорад.

Ҳамзамон, рушди воситаҳои техникӣ ва иттилоотӣ ба раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъсири ҷиддӣ расонида, истифодаи васеи онҳо дар ин раванд метавонад самаранокиро таъмин намоянд.

Таҳлил ва омӯзиши идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмиро талаб менамояд. Ҳамчунин, масъалаи мазкур дар сатҳи кишварҳои дигар ва минтақа аз аҳамият холӣ набуда, паҳлуҳои гуногуни таҳқиқталабро доро мебошад. Хусусан, бо назардошти ташкили иттиҳодияҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва гумрукӣ ва шомилшавии давлатҳо ба онҳо ташкили хоси фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он ба роҳ монда шуда, дар як маврид як қатор масъалаҳои дигаре ҷой доранд, ки онҳо бояд ҳал гарданд ва ё мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шаванд. Аз ҷумла, ҳимояи

манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ ва иқтисодӣ, муаррифии молҳои кишварҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайра.

Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо норасоиҳо дар қонунгузории соҳавӣ, мушкилоти ҷойдошта дар сатҳи ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, амалисозии функсияҳо ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, шаклҳо ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таъмини қонуният дар ин соҳа вобастагӣ дорад.

Дигар ҷиҳати аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ таҳқиқ намудани масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода мегардад, ки масъалаи мазкур то ба ҳол дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор нагирифта, бори аввал сурат гирифтааст. Бо назардошти ин, З.М. Соибов дар доираи таҳқиқоти анҷомдодаи худ паҳлуҳои гуногуни масъалаи таҳқиқшавандаро таҳлил намуда, андешаҳо, тавсияҳо, навгониҳо ва таклифҳои асосноки илмиро вобаста ба он таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии З.М. Соибов дар доираи талаботи дахлдор, ки барои таҳияи таҳқиқоти илмӣ пешбинӣ гардидаанд, таҳия шуда, таклифҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф, ки дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд, навгонии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур бо услуби хоси илмӣ таҳия гардида, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ ба ном ва мазмуни он буда, масъалаҳои баррасишаванда бонизом аз ҷониби муаллиф баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Дар он доираи зиёди адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, амалияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукии ватанӣ ва хориҷӣ истифода гардидааст, ки ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири мусбӣ расонидааст. Тавсия ва

хулосаҳои илмии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ба рушди илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории дахлдор ва фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мусоидат намоянд.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур нуктаҳои гуногуни илмӣ ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд дар оянда баҳри рушди қонунгузорӣ ва такмили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона гарданд. Аз он ҷумла:

1. Падидаи «идоракунӣ» дар ҷомеаи инсонӣ аз вижагиҳои хос бархӯрдор буда, ҳамчун восита, тадбир, механизм, раванд, муносибат ва ғ. унвон мегардад, ки ҷавҳари марказии онро «таъсиррасонӣ» ташкил медиҳад. Шакли маъмули паҳншудаи идоракунӣ, ин идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки моҳиятан бо иштироки инсон сурат мегирад. Идоракунии иҷтимоӣ гуногунранг буда, мавқеи муҳим ва асосиро дар низоми он идоракунии давлатӣ касб менамояд.

Идоракунии давлатӣ таърихан бо ташаккул ва рушди давлат ҳамчун ниҳоди сиёсӣ алоқаманд аст, ки мазмунан роҳбаринамоӣ ва танзими соҳаҳои дахлдори ҳаёти давлатию ҷамъиятиро таҷассум менамояд. Идоракунии давлатӣ, ки моҳиятан ба таври амалӣ сурат мегирад, хусусияти назариявиро низ дошта, он ба сифати объекти таҳлил, таҳқиқ ва баррасии соҳаҳои гуногуни илмӣ баромад менамояд. Идоракунии давлатӣ дар шароити муосир ба сифати падидаи муҳимтарини ҳуқуқи маъмурӣ маҳсуб ёфта, бо назардошти табиат ва мазмуни ҳуқуқии маъмурии идоракунии давлатӣ, чунин хусусиятҳои идоракунии давлатӣ муайян карда мешаванд: намуди алоҳидаи идоракунии иҷтимоӣ аст; фарогири муносибатҳои ҳокимиятӣ буда, дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ таҷассум меёбад; хусусияти мақсаднокӣ, таъсиррасонӣ, зерқонунӣ ва иҷроиявӣ-амрдиҳӣ дорад; бо доираи васеи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст ва тавассути шакл ва усулҳои муайяни ҳуқуқии маъмурӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Муайян гардидааст, ки фаъолияти гумрукӣ барои ҶТ дар шакли муосири худ соҳаи нав буда, дар алоқамандӣ бо мустақилии сиёсии кишвар ташаккул ва рушд ёфтааст. Фаъолияти гумрукӣ бо ташкили давлати мустақил, таъсиси сарҳади давлатӣ, мавқеи устувори давлат дар сатҳи байналхалқӣ дар соҳаҳои гуногун (хусусан, соҳаи иқтисодӣ), авҷгирии савдо ва дигар омилҳои муҳим вобастагӣ дорад. Ин намуди фаъолият таърихан низ бо ташкили давлат, муайян намудани ҳудудҳои давлатӣ ва рушди тиҷорати байнидавлатӣ алоқаманд аст. Дар ин миён дар меҳвари асосӣ рушди савдо ва ҳамкории тиҷоратии байнидавлатӣ қарор дорад. Яъне, асоси пайдоиши онро чун падидаи иҷтимоӣ тиҷорат ташкил медиҳад. Таърихи ташаккули фаъолияти гумрукии давлатҳои қадим гувоҳ медиҳад, ки бо инкишофи тиҷорат фаъолияти гумрукӣ чун воситаи банизомдарории он, яъне тадбири ҳуқуқии маъмурӣ ташаккул ёфтааст.

Дар шароити муосир мақом ва нақши фаъолияти гумрукӣ афзун гардида, бо ҳалли вазифаҳои давлатӣ, махсусан вазифаҳои идоракунии давлатии муосир алоқаманд аст. Ба назари муаллиф фаъолияти гумрукӣ дар иртибот бо амалисозии чунин вазифаҳо қарор дорад: таъмини амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти экологӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғ.

3. Дар натиҷаи таҳлили фаъолияти гумрукӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар айни замон фаъолияти гумрукӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ ва падидаи ҳуқуқи маъмурӣ баромад мекунад, ки дар ин замина хусусиятҳои ҳуқуқии маъмуриро дар худ касб менамояд. Бо назардошти табиати ҳуқуқии маъмурӣ доштани фаъолияти гумрукӣ чунин хусусиятҳои он муайян гардидаанд: фаъолияти гумрукӣ ҳамчун соҳаи ҷамъиятӣ эътироф мегардад, ки мантиқан ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ маҳсуб меёбад; аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ роҳбарӣ карда мешавад; дар заминаи сиёсати гумрукӣ рушд ва амалӣ мегардад; баамалбарории он аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи давлатӣ таъмин мегардад; дар доираи он расмиёт ва амалҳои гуногуни хусусияти ҳуқуқии маъмуриидошта амалӣ мегарданд; фаъолияти гумрукӣ воситаи муҳимтарини рушди соҳаҳое чун иқтисод,

тиҷорат, хизматрасонӣ, сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ ва ғ. ба ҳисоб меравад; дар доираи фаъолияти гумрукӣ чораҳои гуногуни хуқуқӣ (ҳавасмандгардонӣ, маҷбуркунӣ ва ғ.) нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва шахсони дигар татбиқ мегарданд.

4. Исбот гардидааст, ки функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар робита бо ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунии давлатии соҳаи мазкур қарор дошта, асосан бахри амалӣ гардидани онҳо равона мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои зикршуда муаллиф чунин ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро муайян намудааст: танзими муносибатҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ; танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии ҶТ; таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии ҶТ ва бозори дохилӣ аз ҳама гуна таҳдидҳо; мусоидат ба ҳамгироии ҶТ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ғ. Ҳамзамон, ба андешаи муаллиф вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ маҷмуи масъалаҳое мебошанд, ки барои ҳалли онҳо идоракунии давлатии соҳаи номбурда равона мегардад. Вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ хусусияти соҳавӣ дошта, таҷассумгари он вазифаҳое мебошанд, ки ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ марбутанд.

Функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ гуфта, самтҳои асосии фаъолияти субъектони (мақомоти) идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро меноманд, ки бо мақсади амалишавии вазифа ва ҳадафҳои идоракунии давлатӣ дар ин соҳа равона гардида, самаранокиро дар сатҳи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъмин менамоянд. Бо назардошти мазмун ва табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияҳои умумӣ ва махсуси идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд. Функсияҳои умумии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ он функсияҳое мебошанд, ки ба идоракунии давлатии тамоми соҳаҳо (ба мазмуни том функсияҳои бевосита идоракунии давлатӣ) мансубанд. Ба функсияҳои умумии идоракунии давлатӣ шомил мешаванд: пешгӯӣ ва банақшагирӣ; иттилоотӣ ва машварат; ҳамоҳангсозӣ; танзим; контрол ва назорат; ҳисобот ва

ташкилӣ. Функсияҳои махсуси идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, он функсияҳое мебошанд, ки дар раванди ташкил ва баамалбарории фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он муҳим буда, дар маҷмуъ ба амалишавии вазифаҳо ва мақсадҳои идоракунии давлатии соҳаи мазкур мусоидат мекунанд. Ба функсияҳои махсуси идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияҳои фискалӣ ва ҳуқуқмуҳофизавӣ мансубанд, ки бо табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ алоқаманд буда, амалан дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии соҳаи мазкур (махсусан мақомоти гумрук) таҷассум меёбанд.

5. Шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ифодагари фаъолияти амалии (шакли зоҳирии ифодаёбӣ) мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ буда, табиати соҳавӣ дорад ва дар амал татбиқ гардидани салоҳияти (ваколати) мақомоти идоракунии давлатии соҳаи мазкурро ифода мекунад. Дар асоси омӯзиши табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии он муайян гардидааст.

Исбот карда шудааст, ки шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ на дар ҳама маврид бо пайдо гардидани оқибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманданд. Муайян шудааст, ки ба таври мушаххас оқибати ҳуқуқӣ дар заминаи шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, яъне таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ва дигар мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ), бастани шартномаҳо (шартномаҳои маъмурӣ ва байналмилалӣ) ва анҷом додани амалҳои хусусияти ҳуқуқидошта аз ҷониби онҳо ба миён меояд. Шаклҳои ғайриҳуқуқӣ ё худ ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ моҳиятан оқибатҳои ҳуқуқии муайянро ба бор наоварда, онҳоро метавон чун шакли ёрирасон (таъминоти техникӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва ғ.) ном бурд, ки ба амалисозии шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мусоидат мекунанд.

6. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар заминаи усулҳои муайян роҳандозӣ гардида, яке аз махсусиятҳои он, яъне таъсиррасонӣ маҳз тавассути онҳо амалӣ карда мешавад. Дар робита бо таҳлили масъалаи номбурда, чунин мафҳуми муаллифии усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд: усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ - ин маҷмуи тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳокимиятӣ аз ҷониби субъектони идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба рафтор ва амали иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи гумрукиро меноманд, ки баҳри расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона мегарданд.

Собит гардидааст, ки дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ усулҳои анъанавие чун боварикунонӣ ва маҷбуркунӣ истифода мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Соибов З.М. дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи пурра ва ҳамаҷониба, истифодаи самараноки усулҳои илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи ташкили идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи хулосаҳои ва тавсияҳои асосноки илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро таҳия намудааст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як қатор тавсияҳои хусусияти амалидоштаро пешниҳод намудааст. Хусусан, ӯ пешниҳод намудааст аст, ки мафҳумҳои “идоракунии давлатӣ” ва “сиёсати гумрукӣ” дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, ҳуҷҷатҳои стратегии дахлдор таҳия ва қабул гарданд. Инчунин, бо мақсади такмили функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муаллиф таклифҳои дуруст манзур намудааст. Ӯ пешниҳод кардааст, ки бо назардошти мукаммал ва устувор намудани иттилоотонӣ дар фаъолияти мақомоти гумрук ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати гирифтани иттилоот аз мақомоти мазкур қобили қабул дониста мешавад, ки дар боби 4 КГ ҶТ моддаи алоҳида дар шакли зайл илова карда шавад: «Ҳуқуқи

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилоот дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ. «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд вобаста ба масъалаҳое, ки марбут ба фаъолияти мақомоти гумрук мебошанд, иттилоот гиранд. Иттилоот аз ҷониби мақомоти гумрук бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод мегардад.». Ҳамчунин, қайд мекунад, ки бо мақсади эътирофи муҳиммияти фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук, иҷрои босуботи вазифаҳои муайянгардидаи мақомоти мазкур ва дигар масъалаҳо, зарур шуморида мешавад, ки дар моддаи 467 КГ ҶТ, ки салоҳияти мақомоти гумрукро пешбинӣ менамояд, чунин меъёр илова карда шавад: «фаъолияти ҳамоҳангсозиро вобаста ба масъалаҳои дахлдор таъмин менамояд».

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои илмии дар он таҷассумгардида, метавонанд ба таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории танзимкунандаи масъалаи мазкур, ҳамчунин фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона гарданд. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тавонистааст, ки мафҳумҳо, хусусиятҳо ва ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии масъалаҳои гуногуни идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро муайян намудааст, ки саҳми шахсии ӯро дар таҳияи андешаҳои назариявӣ нишон медиҳад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар раванди таълими фанҳои алоҳида, ба монанди ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва курсҳои алоҳида истифода намуд.

Аҳамияти иқтисодии таҳлили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар он зоҳир мегардад, масъалаи мазкур бо амалишавии вазифаҳое чун таъмини амнияти иқтисодии мамлакат, рушди иқтисоди миллӣ ва фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин, андешаҳо, тавсияҳо

ва нуқтаҳои назарии илмии муаллифро мумкин аст, ки дар амалияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ истифода намуд, ки ба иҷрои вазифаҳои хусусияти иқтисодидоштаи зикршуда мусоидат менамоянд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки дар шакли таклифҳо ба муаллиф пешниҳод мегардад:**

1. Муаллиф дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия масъалаи фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатиро таҳқиқ намудааст ва ба хулоса омадааст, ки фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар шароити муосир баромад мекунад. Агар ба мазмуни фаъолияти гумрукӣ назар афканда шавад, он моҳиятан фаъолияти мақомоти давлатиро ифода мекунад. Дар иртибот бо ин, модоме, ки фаъолияти гумрукӣ фаъолияти мақомоти давлатиро инъикос намояд, чи гуна метавонад онро объекти идоракунии давлатӣ баҳо дод? Мехостам, ки нисбати ин андешаи мо муаллиф назари худро баён намояд.

2. Дар зербоби 2 боби 3 таҳқиқоти диссертатсионӣ мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф масъалаҳои гуногун, аз ҷумла шакли ташкилӣ-ҳуқуқии онро таҳлил намудааст. Аммо, ӯ модели (тарҳи) мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян накардааст. Тавре маълум аст, дар давлатҳои муосир мақомоти гумрук бо назардошти омилҳои гуногун дар моделҳои муайян ташкил гардидаанд. Бинобар ҳамин, хуб мебуд, ки модели мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мушаххас мегардид.

3. Дар кори таҳқиқотӣ дар саҳифаҳои гуногун як қатор чораҳои пешгирикунандаи коррупсия дар соҳаи гумрук зикр гардидааст. Чунончи, мураккабсозии расмиётҳои гумрукӣ метавонад ба кам гардидани иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва пайдоиши дигар мушкилот, ба мисли афзоиши коррупсия, сӯистифода аз мақоми хизматии шахси мансабдори мақомоти гумрук оварда расонад. Содагардонии расмиёти гумрукӣ имкон медиҳад, ки сарфаи вақт ва пешгирии амалҳои коррупсионӣ

(аз ҷумла омилҳои коррупсионӣ, сӯистифода аз мақоми хизматӣ, содири дигар намудҳои ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо), беҳтар гардидани вазъи моддӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти гумруки кишвар, баландбардории масъулияти меҳнатӣ, фаъолияти бовиҷдонона ва ғ. таъмин гардад, ки паҳлуи дигари тадбирҳои ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро ташкил медиҳанд. Аммо, дар диссертатсия муқаррароти қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бархӯрди манфиатҳо, ки коррупсияро ба бор меоварад таҳлил нагардидааст. Бархӯрди манфиатҳо сабаби муҳимтарини бавуҷудоии коррупсия аст. Дар иртибот бо ин, агар муқаррароти қонунгузорӣ ва ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо дар таъмини қонуният аз ҷониби муаллиф таҳлил мегардид, аҳаммиятнокии илмии таҳқиқот баландтар мегардид.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллиф вобаста мавзуи диссертатсия зиёда аз 55 маводи илмӣ ба табъ расонидааст, ки онҳо 3 монография, 53 мақолаи илмӣ, 23-тои он мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда мебошанд, ташкил медиҳанд. Як қатор муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналамилалӣ пешниҳод гардиданд, ки дар шакли мақолаҳо илмӣ ба табъ расиданд. Дар алоқамандӣ бо ин, қайд бояд намуд, ки теъдоди маводи чопшудаи муаллиф ба талаботи бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Таҳқиқоти диссертатсионии З.М. Соибов ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро

нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ба рушди илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории соҳавӣ, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур равона мегарданд. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи худ муаллиф мушкилот ва норасоиҳоро дар сатҳи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда муайян намуда, таклифҳои судмандро ҷиҳати бартараф намудани онҳо пешниҳод кардааст. Муаллиф таҳлили масъалаи мазкурро бо риояи усулҳои илмие чун низомноки ҳуқуқӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра анҷом додааст, ки ба мазмун ва сифати таҳқиқоти анҷондодашуда таъсири мусбӣ расонидааст.

Тақриз мутобиқи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Қисмати хотимавии тақриз ва сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Омӯзиш ва таҳлили матни диссертатсия ва автореферати он нишон дод, ки таҳқиқоти диссертатсионии З.М. Соибов, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи ӯ саҳифаи наверо дар илми ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз намуда, дар доираи он масъалаҳо, падидаҳо, қонунгузорӣ ва паҳлуҳои гуногуни идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ ва таҳлил гардида, дар натиҷа хулоса, таклифҳо ва тавсияҳои асосноки илмӣ таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои илмие, ки дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муаллиф ба даст омадаанд, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, ба рушди илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории соҳавӣ (қонунгузори гумрукӣ) ва идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ,

яъне рушди фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, хусусан вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, функсияҳо, шаклҳои фаъолияти онҳо, таъмини қонуният, интизом ва тартиботи ҳуқуқӣ дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, дар маҷмуъ ба баландбардории сифат ва самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти диссертатсиониро мумкин аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ барои таълими фанҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ, инчунин таҳияи рисолаҳои илмӣ (аз ҷумла диссератсияҳо) ба таври васеъ истифода намуд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи “Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ” ба талаботи пешбининамудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи асосҳои**
**ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва идоракунии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон** **Асадов Ш.Ғ.**

KADRLAR BO'LIMI

**Узбекистан, 100066 ш. Тошкент, к. Ислом Каримов, 45.**
**Тел/факс: +998 71 232 60 47**
**E-mail: info@dba.uz**
**Сомонаи расмӣ: https://dba.uz/**

Асадов. Ш. Ғ.
Imzosini tasdiqlayman
Kadrlar bo'limi boshlig'i

**Подпись Ш.Ғ. Асадовро тасдиқ мекунам:**

________________________ «14» 04 **2023**